# 7175 - Ҳукми хариди хӯрока барои закоти фитр, пеш аз вақти он

## савол

Маркази исломие дар яке аз кишварҳои ғарбӣ миқдори зиёди хӯрока, ба монанди биринҷро масалан даҳ рӯз пеш аз ид харидорӣ мекунад, сипас эълон мекунад, ки барои гирифтани маблағҳои мусулмонон барои хариди закоти фитр омодааст. Пас аз он, закоти фитрро аз номи онон пардохт (ва тақсим) менамояд. Зеро агар (маркази исломӣ) пулҳоро (аз мардум) як ё ду рӯз пеш аз ид бигирад, хариди ин миқдор хӯрока имконпазир нахоҳад буд. Ҳукми ин чист?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Саволи зеринро ба шайх Муҳаммад ибни Солеҳ Ал-Усаймин пешниҳод кардем, (Аллоҳ ӯро ҳифз кунад) чунин ҷавоб дод:

Ҳеҷ боке нест, ки марказ хӯрокворииро муддате пештар бихарад, сипас онро ба касоне, ки мехоҳанд закоти фитр бихаранд, бифурӯшад ва сипас закоти фитр дар вақти шаръияш пардохт карда шавад.